**ДОНИШКАДАИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

***ТДУ-332 (575.3)***
***ТКБ-65.9(5Т)***
**А 43**

**АКПАРЗОДА АБДУВАЛИ**

# ТАКМИЛИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА
**(дар мисоли вилояти Суғд)**

**Автореферати**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**ХУҶАНД – 2023**

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Ризоқулов Турақул Рабимқулович –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Мирсаидов Саидакмал Аврорович –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Шокиров Равшан Сиддиқович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия, бонк ва гумрук филиали МД «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар вилояти Суғд»

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур**

Ҳимояи диссертатсия “     ” _______ соли 2023, соати ______ дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 дар назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, баргузор мегардад. Суроғаи: 735700, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1, e-mail: dstsulbp@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 927711342.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии донишгоҳ ва сомонаи расмии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (http://www.tsulbp.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» _____________соли 2023 фиристода шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Самадова З.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосир афзоиши мутлақи шумораи аҳолӣ ба назар мерасад, ки он боиси зиёдшавии сарборӣ ба воҳиди замини кишоварзӣ дар ҳар минтақа ва мамлакат мегардад. Афзоиши талабот ба маҳсулоти озуқаворӣ, ҳамчунин пешрафти техника ва технология дар ҷомеаи муосир такмили идоракунии захираҳои заминро талаб мекунанд, ки ба ноил шудан ба натиҷаи мусбати фаъолияти бахши аграрӣ дар ҳар минтақаи алоҳида равона карда шудааст. Илова бар ин, ба радифи далелҳое, ки зарурати таҳқиқи масъалаҳои истифодаи босамари захираҳои заминро дар фазои маъмурӣ муайян мекунанд, як қатор далелҳоро мансуб донистан мумкин аст.

Нахуст, дар ҳамаи давру замонҳо дар давлати дилхоҳ қонеъгардонии талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ яке аз вазифаҳои стратегии мамлакатҳо ба ҳисоб меравад. Дар ин қарина бахши аграрии иқтисодиёт дар таъмини амнияти озуқаvotории минтақа ва умуман мамлакат нақши марказӣ мебозад.

Дуввум, дар марҳилаи ҷори масоили идоракунии босамари захираҳои замини соҳаи аграрӣ дар низоми таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ тадриҷан беш аз пеш ба сатҳи минтақа ва ҳатто ба сатҳи афроди алоҳидаи машғул ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ интиқол меёбад. Дар ин бобат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар суханрониҳои худ таъкид намудаанд: «Мо бояд бо таври қатъӣ маданияти заминдориро баланд бардорем, яъне муносибати худро бо замин, об ва дигар намудҳои захираҳои табиии мамлакати моро аз реша тағйир дода, ба холи мондани заминҳои кишт роҳ надиҳем ва баракс ҳар як ваҷаби онро бо таври самаранок истифода барем, махсусан аз заминҳои назди ҳавлигӣ ва корами обӣ се то чор ҳосилро гирем, бо дигар ибора бо таври васеъ кишти такрориро ба роҳ гузошта, боз ҳам зиёдтар маҳсулот истеҳсол намоем, зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар аксар ҷойҳо заминҳои Президентӣ ва наздиҳавлигӣ солҳо беҳаракат ва беҳосил мебошанд. Ин дар ҳолест, ки метавон аз ин заминҳо картошка ва дигар намудҳои зироатро барои оилаи худ гирифт, яъне маҳсулотҳои хӯроквориро истеҳсол намуд»[1].

Аз ин рӯ тадриҷан муҳим будани таъмини самаранокии идоракунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар ҳар фазои (воҳиди) маъмурӣ-ҳудудӣ возеҳ мегардад ва онро аз ҷумлаи вазифаҳои афзалиятноки рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа шуморидан мумкин аст.

Сеюм, ба сабаби ҷойгиршавии табиӣ - ҷуғрофӣ ва шароити иқлимӣ комплексҳои агросаноатии минтақавӣ имкониятҳои мухталифи

[1] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар сессияи якуми Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шишум аз 17.04.2020.// Захираи электронӣ www.president.tj [Санаи муроҷиат 23.09.2020]

истеҳсолӣ доранд. Таркиб, сохтор ва сифати заминҳои кишоварзӣ дар ҳар як минтақа аз ҳамдигар фарқ менамояд. Пас, оптимизатсияи идоракунии захираи заминҳои кишоварзӣ дар ҳудудҳои алоҳида истифодаи мақсадноку самаранокии иқтидори комплекси агросаноатии минтақавиро пешбинӣ менамояд, ки дар стратегияи рушди минтақа муҳим мебошад.

Чорум, дар амалисозии ислоҳоти бозорӣ дар бахши аграрии минтақа, аз ҷумла дар вилояти Суғд то кунун дар самти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ як қатор камбудиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла дар бахши аграрӣ то ҳол соҳибмулки самаранок ташаккул наёфтааст, заминҳои мавриди истифода қарор нагирифта мавҷуданд, коҳишёбии сатҳи ҳосилхезии хок ва ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ба мушоҳида мерасад.

Андешаҳои мазкур дар маҷмуъ сатҳи баланди мубрамияти мавзуи диссертатсияро муайян менамоянд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Аз оғози пайдо шудани давлат олимон ва ходимони давлатӣ таваҷҷуҳашонро ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тавассути идоракунии мусоиди замине, ки дар ихтиёри онҳо қарор дошт, тамаркуз медоданд. Дар асарҳои олимони маъруфтарини мактабҳои мухталифи иқтисодӣ, аз ҷумла дар корҳои Ф. Кене, Р. Трюго, У. Петти, А. Смит, Д. Рикардо, Т. Малтус, К. Маркс, Ф. Энгелс ва дигарон ин масъалаҳо мавриди тадқиқи махсус қарор мегирифтанд.

Дар коркарди амсилаи назариявии идоракунии захираи замин бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ олимони рус, аз ҷумла Н. Кандратов, А. Алтухов, Л. Белоусова, А. Гранберг, И. Буздалов, Б. Смагин, М. Комов ва дигарон ҳиссаи назаррас гузоштаанд

Дар солҳои амалисозии ислоҳоти бозоргонӣ асосҳои ташаккули сиёсати давлатии аграрӣ дар асарҳои олимони ватанӣ, аз ҷумла Т. Назаров, Р.К. Раҳимов, Н.К. Қаюмов, Л.Х. Саидмуродов, Т. Р. Ризоқулов, М.М. Исмаилова, А.М. Раҳимов ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Доираи васеи масъалаҳои истеҳсолоти кишоварзиро дар қаринаи таъмини устувори рушди бахши аграрӣ олимони тоҷик М.М. Шарифзода, Х.Г. Ғафуров, С.А. Ғозибеков, Х. Умаров, Ф. Азизов, Р.Р. Шокиров ва дигарон таҳқиқ кардаанд.

Масоили истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи кишоварзӣ дар низоми таъмини амнияти озуқаворӣ дар корҳои илмии олимони ватанӣ И.А. Асроров, Дж.С. Пириев, Д.Д. Бобоҷонов, Э.Н. Шералиев, А.К. Қурбонов баррасӣ гардидаанд.

Масъалаҳои танзими истифодаи замин дар шароити маҳдуд будани заминҳои корам, вазъи мелиоративиии ҳудуди ҷумҳурӣ дар асарҳои олимони тоҷик Р.Р. Қудратов, А.А.Мадаминов, Х.Р.Исайнов, И.К.Нарзиқулов, Х.А.Одинаев, Т.Б.Ғаниев ва дигарон ба риштаи таҳлил кашида шудаанд.

Ба шумораи зиёди корҳое, ки ба ин соҳа бахшида шудаанд, нигоҳ накарда, баъзе масъалаҳои хусусияти назариявӣ ва амалӣ доштаи марбут ба такмили механизмҳои идоракунии захираҳои замин дар бахши аграрии иқтисодиёти минтақа то ҳол баҳсбарангез боқӣ мемонанд.

Дар маҷмуъ зарурати асосноксозии назариявӣ ва коркарди муқаррароти амалӣ, ки ба таъмини самаранокии идоракунии захираҳои замин дар бахши аграрии иқтисодиёти минтақа равонашуда, интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро муайян карданд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертсионӣ дар ҷанбаҳои ҳалли мушкилоте, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муқаррар шудааст, анҷом дода шудааст: б 1. Тоҷикистон дар соли 2030, з.б. 1.1 Биниш, диссертатсият, ҳадаф ва вазифаҳо; з.б. 1.2 Муттасилии рушд: дастовардҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ва сабақҳои андӯхта; з.б. 1.3 Сенарияҳои рушд; з.б. 1.4 Давраҳои амалисозии СМР – 2030; б.2 Таҳдидҳо ва имкониятҳо барои рушд, з.б. 2.1 Таҳдидҳо; б. 5 Сифати рушди иқтисодӣ ва самаранокии бахши воқеии иқтисодиёт; з.б. 5.1 Бахши воқеӣ; з.б. 5.2 Шуғли пурмаҳсул; з.б. 5.4 Фазои сармоягузорӣ.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчунин тибқи нақшаи корҳои илмӣ - таҳқиқотии кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар мавзуи «Идоракунии стратегии рушди инноватсионии соҳибкорӣ дар иқтисодиёти рақамӣ: вазъият ва дурнамои рушд» иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ рушд ва таҳияи асосҳои илмии такмили низоми минтақавии идоракунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар низоми комплекси агросаноатӣ, ҳамчунин ошкор сохтани самтҳои афзалиятноки рушди он ба ҳисоб меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсади гузошташуда, иҷрои вазифаҳои зерин ба назар гирифта шудааст:

- низомбандии ҷанбаҳои назариявии идоракунии минтақавии захираи замини бахши кишоварзӣ ва мундариҷаи иҷтимоӣ-иқтисодии он;
- омӯхтани муносибатҳои методӣ ба арзёбии истифодаи самаранокии захираҳои замин дар минтақа, ҳамчунин таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ;
- таҳлил кардани ҳолати идоракунии захираҳои замини кишоварзии вилояти Суғд ва арзёбии тағйирот дар шароити бозор;
- исбот кардани ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замин дар вилояти Суғд;

- ошкор сохтани омилҳое, ки ба самаранокии идоракунии минтақавии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар вилояти Суғд таъсир мерасонанд;

- таҳияи тадбирҳо оид ба такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва институтсионалии идоракунии захираҳои замин дар бахши аграрии иқтисодиёт.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии марбут ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар низоми комплекси агросаноатии минтақа ба ҳисоб меравад.

**Предмети таҳқиқот** механизмҳои такмили идоракунии истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа мебошад

**Фарзияи таҳқиқот** дар он аст, ки оқилона истифодабарии захираи заминҳои кишоварзӣ дар ҳар як минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ кафолати ҳалли муаммоҳои амнияти озуқаворӣ ҳамзамон баланд бардоштани некуаҳволии аҳоли мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** консепсияҳои назариявие, ки дар асарҳои олимони барҷастаи хориҷию ватанӣ оид ба масъалаҳои истифодаи оптималии замин дар минтақа ташкил медиҳад. Инчунин ба муқаррароти илмӣ ва равияҳои методӣ, ки дар илмҳои муосири иқтисодӣ ироа гардидаанд, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки истифодаи захираҳои заминро дар минтақаҳо танзим менамоянд, асос ёфтааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар диссертатсия усулҳои анъанавӣ ва муосири таҳқиқи иқтисодӣ, аз қабили усулҳои диалектикӣ, абстрактӣ-мантиқӣ, индексӣ, муқоисавӣ, иқтисодӣ-оморӣ иқтисодӣ-математикӣ ва дигар усулҳои таҳлил истифода шудаанд. Барои ироаи иттилооти воқеии иқтисодӣ шаклҳои ҷадвалӣ, схемавӣ ва графикии пешниҳоди мавод истифода гардидаанд.

**Сарчашмаи маълумотро** маводҳои чопшудаи Саридораи агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ва иттилооти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, додаҳои ҳисоботи комплекси агросаноатии вилояти Суғд, маводи таҳқиқоти иқтисодии монографиявӣ доир ба вилояти Суғд, натиҷаи таҳлилҳои муассисаҳои илмии минтақа, иттилооти нашриёти даврӣ ва интернет ташкил мекунанд.

**Пойгоҳи таҳқиқотӣ** асарҳои бунёдии олимони хориҷӣ ва ватанӣ, ки ба таҳқиқи заҳираҳои заминҳои кишоварзӣ дар низоми иҷтимоию иқтисодӣ бахшида шудаанд, паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти бахши кишоварзиро дар саросари кишвар, аз ҷумла дар минтақаҳо танзим мекунанд, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин», «Дар бораи ҳоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)», «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи амнияти озуқаворӣ», барномаҳои давлатии

«Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», ки аҳамияти илмӣ ва амалӣ доранд, ҳамчун дастурҳои барномавӣ ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташкил кардаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Инкишофи муқаррароти назариявӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ, ки ба баланд бардоштани натиҷабахшии комплекси агросаноатии минтақавӣ дар асоси идоракунии босамари захираҳои замини кишоварзии минтақа мусоидат мекунанд, навгонии илмии таҳқиқотро ташкил менамояд.

Муқаррароти асосии зерин мундариҷаи навгонии илмии диссертатсиро инъикос мекунанд:

- асосҳои илмии идоракунии минтақавии заминҳои таъиноти кишоварзӣ низомбандӣ шудаанд ва дар асоси он асоснок сохта шудааст, ки назорати аз ҳад зиёд маъмурӣ оид ба истифодаи захираҳои замин мувофиқакуниҳои зиёдро талаб менамоянд метавонанд монеаҳои ҷиддии бюрократиро ба миён оранд, сабаби кашол додани вақти қабули қарор барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар масъалаи харид, иҷорагирӣ ё истифодаи замин шаванд. Асоснок карда шудааст, ки нопойдорӣ дар раванди идоракунии захираҳои замин метавонад сабаби паст гардидани ҳосилхезии замин, харобшавии хок ва инкишофи эрозияи замин гардад;

- сершумории равияҳои гуногун оид ба арзёбии сатҳи истифодаи замин асоснок карда, дар асоси онҳо гурӯҳбандии нишондиҳандаҳо бо тарзи зайл сурат гирифтааст: нишондиҳандаҳои натуралӣ (ҳосилхезӣ, маҳсулнокӣ ва ғ.); арзишӣ (муқоиса кардани нишондиҳандаҳои арзишӣ бо хароҷот), нисбӣ (сохтори азхудшавии замин, кишт, шудгор, заминҳои истифода нашудаи минтақа); интегралӣ (коэффитсиентҳои самаранокии технологӣ, экологӣ, иқтисодӣ); интенсификатсия (афзоиши маҳсулот аз воҳиди майдон аз ҳисоби муҷаҳҳаз будан бо фонд, таъмин будан бо мошин ва энергия истифодаи навъҳои интенсивӣ беҳтар намудани ирригатсия мувофиқ кардани кордандозӣ ва ғайра);

- таҷрибаи хориҷӣ, таҳқиқ қарор дода шуда, дар асоси он ошкор гардидааст, ки дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ масъалаҳои ҳаммонанд мавҷуданд: харобшавии (деградатсияи) заминҳои киштбоб, ихтисори заминҳои кишоварзӣ, нарасидани мутахассисон, дониши пасти фермерҳо. Асоснок карда шудааст, ки аз таҷрибаи хориҷӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз он ҷумла вилояти Суғд истифодаи муваққатии таҷрибаи Туркманистону Ӯзбекистон қобили қабул аст. Дар ин мамлакатҳо хариди мутамаркизи техникаи муосири кишоварзӣ, нурӣ, тухмии баландсифат ба роҳ монда шуда, ҳамзамон барои деҳқонҳо нақшаи муайяни давлатии супоридани пахта, ғалла, гандум муайян гардидааст;

- арзёбӣ карда шудааст, ки аз рӯи иқтидори заминҳои кишоварзӣ вилояти Суғд дар байни минтақаҳои мамлакат ҷои сеюмро ишғол мекунад ва нисбат ба давраи пеш аз ислоҳоти бозорӣ бо сабабҳои васеъшавии қитъаҳои шахсии наздиҳавлигӣ ва харобшавӣ (деградатсия) ва коҳишёбии ин иқтидор бештар аз чорякро ташкил кардааст. Дар байни шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз рӯи меъёри замини кишоварзӣ ба ҳар сари аҳоли пешсаф ноҳияҳои Зафаробод, Шаҳристон, Деваштич, Мастчоҳ мебошанд. Асоснок шудааст, ки ҳосилнокии чун нишондоди самараноки истифодабарии захираҳои замин дар вилояти Суғд нисбат ба сатҳи миёнаи ҷумҳурӣ дар истеҳсоли картошка, пахта, сабзавот беҳтар аст, вале дар истеҳсоли зироатҳои полезӣ, мева ангур, ғалладона ва лӯбиёгӣ аз сатҳи ҷумҳурӣ ақибмонӣ дорад;

- ҷанбаҳои заъфпазири рушди бахши аграрӣ дар вилояти Суғд муайян карда шудаанд, ки ба онҳо мансубанд: кам будани захираҳои замини таъиноти кишоварзӣ, инчунин майдони кишт дар минтақа; вориди нопурраи иқтидори заминҳои кишоварзӣ ба гирдгардиши истеҳсолот, ки минбаъд бояд ба раванди истеҳсолот ҷалб карда шавад. Муаммоҳои истифодабарии замин, ки бо таҷдиди хоҷагиҳои деҳқонӣ алоқаманд аст, асоснок карда шудааст. Алалхусус афзоиши ҳиссаи меҳнати дастӣ дар кишоварзӣ, сатҳи сусти интенсификатсия, бо ҳар гуна усул таъқиб аз паи фоида, деградатсияи замин, коҳиши ҳосилхезии замин;

- модели иқтисодӣ-математикии пайвастагии рушди истеҳсолоти кишоварзӣ аз сатҳи ҷалби захираҳо коркард карда шудааст. Дар асоси он сатҳи баланди пайвастагии маҳсулоти кишоварзӣ бо истифодабарии нуриҳои органикӣ исбот карда шудааст. Арзёбӣ карда шудааст, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд сатҳи механизатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ ғайриқаноатбахш мебошад. Тибқи он аз рӯи дараҷаи интенсификатсия ноҳияҳои Б.Ғафуров, Мастчоҳ, Конибодом ба гуруҳи пешсаф ва ноҳияҳои Деваштич, Мастчоҳи кухӣ ва Шаҳристон ба гуруҳи қафомонда ворид карда шудааст;

- дараҷаи таъминнокии талаботи аҳолӣ дар минтақа бо истеҳсолоти маҳсулотҳои кишоварзии ватанӣ муайян карда шудааст. Тибқи он нисфи зиёда талаботи аҳолии вилояти Суғд ба маҳсулоти гуштӣ, ширӣ ва тухм бо истеҳсолоти худӣ қонеъ гардонида мешавад, ки нисбат ба маҳсулоти моҳи, ғалла, картошка, сабзавот, полезӣ ва биринҷӣ, ки дараҷаи таъминнокиашон нисбат ба чор яки талаботи умумӣ рост меояд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1) Низомбандии муқаррароти назариявӣ оид ба истифодабарии заминҳои кишоварзӣ дар иқтисодиёти бозорӣ;

2) Асоснок намудани гуногунии методикаи арзёбии вазъи истифодабарии замин, гурӯҳбандии нишондиҳандаҳои тавсифӣ;

3) Муайян намудани афзалиятҳои таҷрибаи хориҷӣ дар иқтисодиёти минтақа дар самти истифодабарии заминҳои кишоварзӣ;

4) Арзёбӣ намудани вазъи иқтидори заминҳои кишоварзии вилояти Суғд дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд;

5) Ошкор сохтани номгуи муаммоҳо дар истифодабарии замини кишоварзӣ, ки ба ташкили истеҳсоли молҳои аграрӣ таъсири манфӣ мерасонанд;

6) Коркарди амсилаи иқтисодӣ-математикӣ, ки сатҳи вобастагии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ ва натиҷаи истеҳсолотро нишон медиҳад;

7) Таҳия ва пешниҳоди тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба баланд бардоштани натиҷаи истифодабарии заминҳои кишоварзӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар рушди назариявии асоноксозии методикаи арзёбӣ ва муайянкунии илмии номгӯи чораҳои амалӣ, ки ба баланд бардоштани натиҷабахшии истифодаи захираи заминҳои минтақа дар низоми бахши аграрии воҳиди маъмурӣ-ҳудудӣ мусоидат мекунанд, зоҳир мегардад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Хулосаҳои асосии илмии диссертатсияро дар самти такмили идоракунии минтақавии захираҳои замин метавон барои коркарди барномаҳои махсуси минтақавии рушди комплексҳои агросаноатӣ дар минтақаҳо аз тарафи мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои заминдорӣ аз тарафи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода кард.

Муқаррароти алоҳидаи назариявӣ ва методии корро метавон дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷкистон ҳангоми тайёркунии мутахассисони ихтисосҳои иқтисодӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси кадрҳои давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимият ҳини тадриси фанҳои «Иқтисодиёти корхонаҳо», «Асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ», «Иқтисодиёт ва ташкили бизнеси хурд» ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар ҳадафмандии равишҳои дар он истифодашуда, усулҳо ва маълумоти сарчашмаҳои расмӣ, аз ҷумла додаҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ташкилотҳои дахлдори ваколатдор оид ба амалигардании хулосаю таклифҳое, ки дар ин таҳқиқот ироа гардиданд, ифода меёбад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Кори илмӣ бо Шиносномаи тахассусии тасдиқ намудаи КОА назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақа ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар тартиб додани нақша, пешбурди корҳои илмӣ, таҳияи навгонии илмии диссертатсия, муайян кардани муқаррароти илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, нашри мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ зоҳир мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳҳои гуногун, аз ҷумла конференсияи илмию амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Пешомадҳои рушди макроиқтисодӣ ва тақсимоти оқилонаи қувваҳои истеҳсолкунанда» (ДИС ДДТТ, 26.06.2016); конференсияи илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи: «Баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳоншавӣ», (Хуҷанд, 7-8.06.2021); конференсияи илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30 - солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Таъмини амнияти озуқаворӣ, тақвияти иқтидорҳои содиротӣ ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ»; форуми ҷумҳуриявии иқтисодӣ бахшида ба 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити ҷаҳоншавӣ» (Хуҷанд, 11.12.2020); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳоншавӣ: 25 соли созандагӣ ва дурнамои рушд» (Хуҷанд, 17.06.2022) ироа гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар 7 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Ҳаҷми умумии интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия 7,0 ҷ.ч. - ро ташкил мекунад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Матни асосии диссертатсия 171 саҳифаи матни компютериро ташкил карда, 30 ҷадвал, 2 диаграмма ва 2 расмро дар бар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ сатҳи омӯзиши мавзуъ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор дарҷ гаштааст.

**Дар боби аввал - "Асосҳои назариявӣ – методии таҳқиқи истифодабарии заминҳои кишоварзӣ дар минтақа"** мундариҷаи идоракунии минтақавии, истифодаи захираҳои замин дар минтақа равияҳои арзёбӣ, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ баррасӣ гардидааст.

Дар таърихи тамаддунии инсонӣ аз қадимулайём замин, пеш аз ҳама базиси фазои сохти давлатӣ ва манбаи боигарии миллӣ ба ҳисоб мерафт. Дар асарҳои классикони илми иқтисод Ф. Кене, А. Смит, Д. Риккардо, Карл Маркс ва дигарон ба нақши захираҳои табиӣ - заминӣ дар рушди иқтисодиёт, ҳамчунин идоракунии онҳо дар рушди кишоварзӣ баҳои баланд дада, ба риштаи таҳлил кашида шудаанд. Аз ҷумла, Франсуа Кене қайд менамояд, ки: «Подшоҳ ва халқ ҳеҷ гоҳ набояд фаромӯш намоянд, ки замин манбаи ягонаи боигарӣ мебошад ва танҳо зироаткорӣ халқро зиёд мекунад, афзоиши боигарӣ бошад боиси афзоиши аҳолӣ мегардад; одамон ва сарват башанд боиси шукуфоии зироаткорӣ, тавсеаи тиҷорат, ривоҷи саноат ва афзоиши мунтазами сарват мегарданд. Аз ин манбаи пурғановат пешрафти ҳамаи соҳаҳои идоракунӣ дар давлат вобаста аст». Дар идомаи сухан ӯ қайд менамояд, ки «Ҳеҷ гоҳ андоз набояд аз сарвати фермерҳои заминдор ситонида шавад: хароҷоти давлат ба зироаткорӣ бояд ҳамчун фонди дахлнопазир баррасӣ гардад, ки онро барои ситонидани андоз, гирифтани даромад ва воситаҳои рӯзгузаронии ҳамаи синфҳои шаҳрвандон нигоҳ доштан зарур аст; дар акси ҳол андоз ба воситаи ғоратгарӣ табдил ёфта, давлатро хароб ва хеле зуд вайрон мекунад».

Дар ибтидои солҳои соҳибихтиёрӣ ба мақсади танзими муносибатҳои вобаста ба замин истифодаи замин, соҳибмулкии амволи ғайриманқул ва ҳифзи замин, моҳи марти соли 1992 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин» қабул карда шуд. Қонуни мазкур асоси гузоронидани ислоҳоти минбаъда дар соҳаи истифодабарии замин гардид. Таърихи ташаккули мақоми аввалини давлатӣ доир ба танзими муносибатҳо барои фароҳам овардани шароити истифодабарии одилона ва ҳифзи замин аз таъсиси Саридора дар назди Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфтааст. Моҳи марти соли 1992 дар пояи идораи мазкур Кумитаи давлатии ислоҳоти замин ва заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Дар қаринаи умумӣ дар марҳилаи ҷории рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми идоракунии захираҳои замин дар се сатҳ иборат аст. Ба сатҳи аввали идоракунӣ мақомоти ҳокимияти давлатии ҷумҳуриявӣ тааллуқ доранд. Ба ин ҳайъат Президенти мамлакат ва мақомоти қонунгузор ва ҳокимияти иҷроия дохил мегарданд. Тибқи Конститутсия ҳокимияти қонунгузорро Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагӣ мекунад, ки аз Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ иборат аст. Сатҳи навбатии низоми идоракунии давлатии захираҳои замин дар субъектҳои минтақавӣ қарор доранд. Ин мақомот аз мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроия ва қонунгузории маҳаллӣ иборат мебошанд, ки истифодабарии захираҳои замини минтақаро танзим менамоянд. Сатҳи сеюми идоракунии захираҳои замин аз мақомоти маҳаллии ҳокимият, ки ба он маъмурияти ноҳияҳои алоҳида ва

ҷамоатҳои деҳот дохил мешванд, иборат аст. Дар баробари ин дар ҳар як ноҳия кумитаи махсус оид ба идоракунии захираҳои замин мавҷуд мебошад. Умуман низоми идоракунии захираҳои замин байни мақомот ва саттҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ тақсим гаштааст ва хеле мураккаб мебошад. Ҳолати мазкур ҳангоми идоракунии захираҳои замин мувофиқаҳои хеле зиёдро талаб менамояд. Монеаҳои зиёди бюрократӣ, сарфаи зиёди вакт оид ба қабули қарорҳо барои ҳалли масоили замин, иҷора ва истифодаи он ба назар мерасад.

Дар шароити Тоҷикистон, ки моликияти хусусӣ ба замин ман аст, ки муносибатҳо оид ба истифодабарии замин аз ҷониби мақомоти минтақавӣ ва ҷумҳуриявии ҳокимияти давлатӣ муайян мегардад. Дар солҳои охир муаммои эрозияи замин, ки дар натиҷаи таъсири таъғирёбии иқлим, нодуруст истифодабарии замин (истифодаи зиёдатии нуриҳои минералӣ, азбайн рафтани ҳифзи ҷангал ва ғайра) дар мадди аввал гузошта истодааст. Дар ҳалли масалаҳои барқароркунии замини харобшуда, андешидани чораҳои пешгирикунанда мақомотҳои давлатӣ нақши муҳим дорад. Дар ин қарина Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле ба маврид таъкид кардааст: «Дар солҳои оянда таъсири манфии тағйироти иқлим ба соҳаи кишоварзӣ афзоиш меёбад. Афзоиш ёфтани солонаи майдонҳои заминҳои истифоданошуда, биёбоншавӣ, камобӣ ва хушкшавӣ сабабгори боз ҳам пастшавии зиёди ҳосилхезии зироатҳои кишоварзӣ мегарданд. Роҳбарони вилоятҳо, шаҳр ва ноҳияҳо ӯҳдадоранд дар якҷоягӣ бо Вазорати кишоварзӣ чораҳоро барои афзоишдиҳии майдонҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ, сохтмони гармхонаҳо ва сардхонаҳо, таъминоти бозорҳои хӯрокворӣ бо маҳсулоти баландсифат ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи истеҳсолоти худӣ ва афзоишидиҳии ҳаҷми содироти маҳсулоти соҳа чораҳо андешанд».[2]

Дар соҳаи кишоварзӣ арзёбии боздеҳи замин бо тавассути муқоисаи нишондиҳандаҳои натуралӣ ва арзишӣ бо хароҷоти истеҳсолӣ муайян карда мешавад. Ҳамчунин нишондиҳандаи интегралии самаранокии истифодабарии замин ҳам аз ҷиҳати техникӣ ва ҳам бозорӣ истифода бурда мешавад. Муносибати мазкурро олимони рус А.А. Головин ва Д.А. Зюкин пешниҳод кардаанд. Онҳо нишондиҳандаҳои интегралии самаранокии истифодабарии замини корамро бо формулаи зерин ҳисоб менамоянд:[3]

$$С_{инт} = С_{тех} * С_{икт}, \qquad (1)$$

дар ин ҷо $С_{тех}$ – самарнокии технологӣ, таносуби сатҳи миёнаи ҳосилхезии зироати кишоварзӣ (Сатҳ) ва бонитети хок (бо холҳо) $С_{тех}$ =

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 26.12.2019 17:47 // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷиистон. URL: http://www.prezident.tj.
[3] Головин А.А., Зюкин Д.А. Совершенствование методических подходов оценки эффективности использования пашни // Фундаментальные исследования. - № 5, 2017. – С. 136-141.

Сатҳ / Бх; $С_{икт}$ – самаранокии иқтисодӣ, таносуби кули фурӯши зироати кишоварзӣ аз рӯи ҳисоби аз як гектар замини корам ($П_{фур}$) ба кадастри арзиши як гектар замин (Ка) $С_{икт} = П_{фур}$ / Ка.

Методи таҳлили коррелиатсионӣ-рекреатсионӣ методи аз ҳама паҳншуда ба ҳисоб меравад. Дар ин метод самаранокии истифодабарии захираҳои замин ба воситаи таҳлили ҳаҷми истеҳсолот ҳисоб карда мешавад. Дар ин ҷо, ба сифати асос вазифаи истеҳсолӣ аз рӯи пешниҳодоти Кобб-Дуглас гирифта мешавад, ки функсияи Кобб-Дуглас номгузорӣ гаштааст:[4]

$$Y = a0\ x1a1\ x2a2\ \ldots\ xnan, \qquad (2)$$

дар ин ҷо x1a1 x2a2 …n – ҳаҷми захираҳо; a0,1,2,… - коэффисиенти чандирӣ.

Дар амалияи умумиҷаҳонӣ таҷрибаи бой оид ба идоракунии захираҳои замин мавҷуд аст, ки онро метавон ҳангоми ташаккули механизмҳои иқтисодии танзими захираҳои замин дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифт. Аз таҷрибаи хориҷӣ (ИМА) муқаррарсозии нархҳои лимитдорро қабул кардан мумкин аст, яъне ҳангоми аз арзиши аслӣ паст шудани нархи бозории маҳсулоти кишоварзӣ, маҳсулот бояд аз истеҳсолгарони кишоварзӣ ақаллан бо нархе, ки хароҷотҳои деҳқонро рӯйпӯш мекунад, харида шавад. Ба назари мо, аз таҷрибаи мамлакатҳои Осиёи Марказӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар вилояти Суғд муваққатан бошад ҳам татбиқи таҷрибаи Туркманистон ва Қазоқистон ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар Туркманистон барои ҳамаи сохторҳои кишоварзӣ давлат мошинаҳои муосири кишоварзӣ харида, онҳоро бо нурӣ, тухмӣ таъмин мекунад, то деҳқонон дар раванди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мушкилӣ накашанд. Чунин муносибат дар Узбекистон низ амалӣ гардонида мешавад, ба ивазаш ба деҳқонон нақшаи давлатии ҷамъоварии пахта, ғалла ва гандум муқаррар карда мешавад. Чунин муносибат, ба назари мо, дастгирии давлатии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро таъмин сохта, масъулияти истеҳсолгарони кишоварзиро ба натиҷаҳои баланди фаъолияти ҳавасманд менамоянд.

**Дар боби дуюм - "Ҳолати истифодабарии заминҳои кишоварзии вилояти Суғд" -** ваъзи минтақавии истифодабарии захираҳои замини кишоварзӣ, арзёбии иқтисодии он омилҳои самаранокии идоракунии захираҳои замини хоҷагиҳои кишоварзии минтақа баррасӣ гардидааст.

Вилояти Суғд дар қисми шимоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шуда, қисми водии Зарафшон ва қисми водии Фарғонаро дар бар

[4] Буравлев А. И. Трехфакторная производственная модель Кобба-Дугласа // Экономика и управление: проблемы, решения. – 2012. – № 3. – С. 13-19.

мегирад. Шароити табиӣ-иқлимии минтақа ба қадри кифоя гуногун буда, барои рушди кишоварзӣ мусоид мебошад. Вилояти Суғд дорои захираҳои бойи замин мебошад. Дар ин ҷо гузаронидани таҳлили муқоисавии заминҳои кишоварзиро дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мешуморем (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Ҳаҷми заминҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Минта-қаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1991 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| ҶТ | ҳаз. га | 4232,8 | 3611,9 | 3638,5 | 3658,2 | 3669,4 | 3674,1 | 3673,7 | 3666,4 |
| | %,ба 1991 | | 85,3 | 86,0 | 86,4 | 86,7 | 86,8 | 86,7 | 87 |
| | % солона | | 100,2 | 100,7 | 100,5 | 100,3 | 100,1 | 99,9 | 99,8 |
| в. Суғд | ҳаз. га | 1058,5 | 773,8 | 775,7 | 779 | 783,7 | 784,8 | 782,2 | 781,7 |
| | %,ба 1991 | | 73,1 | 73,3 | 73,6 | 74,0 | 74,1 | 74,0 | 73,8 |
| | % солона | | 100,1 | 100,2 | 100,4 | 100,6 | 100,1 | 100,0 | 100,0 |
| в. Хатлон | ҳаз. га | 1584,2 | 1443,9 | 1443,3 | 1452,3 | 1452,7 | 1456,9 | 1455,4 | 1458,6 |
| | %,ба 1991 | | 91,1 | 91,1 | 91,7 | 91,7 | 92,0 | 91,9 | 92,1 |
| | % солона | | 100,1 | 100,0 | 100,6 | 100,0 | 100,3 | 100,2 | 100,2 |
| ВМБК | ҳаз. га | 710,5 | 500 | 503,3 | 507,7 | 507,8 | 505,5 | 504,9 | 508,8 |
| | %,ба 1991 | | 70,4 | 70,8 | 71,5 | 71,5 | 71,1 | 71,0 | 71,6 |
| | % солона | | 99,6 | 100,7 | 100,9 | 100,0 | 99,5 | 99,4 | 100,8 |
| НТҶ | ҳаз. га | 879,5 | 893,9 | 915,9 | 918,9 | 925,1 | 926,7 | 925,7 | 915,1 |
| | %,ба 1991 | | 101,6 | 104,1 | 104,5 | 105,2 | 105,4 | 105,2 | 104,1 |
| | % солона | | 100,8 | 102,5 | 100,3 | 100,7 | 100,2 | 100,1 | 98,8 |
| ш. Душанбе | ҳаз. га | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 2,2 | 2,1 |
| | %,ба 1991 | | 1,0 | 1,0 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 10,5 | 10,5 |
| | % солона | | 100,0 | 100,0 | 0,50 | 0,50 | 0,50 | 22,0 | 0,95 |

**Сарчашма:** Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - С. 62; Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2021. – С. 437.

Аз додаҳои ҷадвал маълум мешавад, ки масоҳати заминҳои кишоварзии вилояти Суғд дар соли 2021-ум 781,7 ҳаз. га-ро ташкил кардааст, ки он 21,32 % -ро аз ҳаҷми умумии заминҳои кишоварзии ҷумҳуриро ташкил мекунад. Инчунин аз рӯи хаҷми заминҳои кишоварзӣ ҷои аввалро вилояти Хатлон бо нишондиҳандаи –1458,6 ҳаз. га ишғол менамояд, ки нисбат ба масоҳати умумии заминҳои кишоварзии ҷумҳури қариб 39,8 % -ро ташкил мекунад. Мавқеи дуюмро ноҳияҳои тобеи марказ бо нишондоди 915,1 ҳаз. га, яъни 24,9%, вилояти Суғд бошад ҷои севумро ишғол мекунад. Коҳишёбии заминҳои кишоварзӣ асосан дар робита бо ҷудокунии қисми муайяни замин барои аҳолӣ ба сифати заминҳои наздиҳавлигӣ, ки қаблан таъиноти кишоварзӣ дошт ба

амал омадааст. Ба ғайр аз ин, дар натиҷаи истифодаи нодурусти замин қисми ҳудуд барои истифодабарии кишоварзӣ корношоям гардид, яъне харобшавии (деградатсияи) замин ба амал омадааст. Байни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон коҳишёбии ҳаҷми заминҳои таъиноти кишоварзӣ нисбат ба давраи то ислоҳотӣ (соли 1991) аз 25 % (вилояти Суғд) то 58% (ш. Душанбе) ба амал омадааст. Танҳо дар вилояти Хатлон ин нишондиҳанда хеле ночиз буда, ҳамагӣ 7-8% -ро ташкил мекунад.

Дар ин қарина мундариҷаи нишондиҳандаҳои шаҳр ва ноҳияҳои вилояти Суғдро таҳқиқ менамоем.

**Ҷадвали 2. - Заминҳои кишоварзии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021**

| Минтақаҳо | Майдони умумӣ (ҳаз. км²) | Майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ (га) | Шумораи аҳолӣ (ҳаз. нафар) | Майдони замин-ҳои кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ (га) | Зичии аҳолӣ дар 1 км км² (нафар) |
|---|---|---|---|---|---|
| Вилояти Суғд | 25,2 | 279758 | 2823,9 | 0,101 | 112,1 |
| Ашт | 2,8 | 14102 | 176,3 | 0,082 | 63,0 |
| Айнӣ | 5,2 | 2932 | 91,2 | 0,034 | 17,5 |
| Б. Ғафуров | 2,7 | 29150 | 388,6 | 0,075 | 143,9 |
| Исфара | 0,8 | 7601 | 285,0 | 0,027 | 360,0 |
| Истаравшан | 0,7 | 29879 | 288,1 | 0,107 | 407,1 |
| Мастчоҳ | 1,0 | 26050 | 132,5 | 0,198 | 132,5 |
| Кӯҳистони Мастчоҳ | 3,7 | 3464 | 24,4 | 0,134 | 6,6 |
| Зафаробод | 0,4 | 30896 | 77,4 | 0,398 | 193,5 |
| Деваштич | 1,6 | 42247 | 182,1 | 0,238 | 113,9 |
| Шаҳристон | 1,1 | 16584 | 46,2 | 0,370 | 42,0 |
| Конибодом | 0,8 | 13020 | 219,9 | 0,060 | 274,9 |
| Спитамен | 0,4 | 16473 | 149,7 | 0,114 | 374,3 |
| Ҷ. Расулов | 0,3 | 17994 | 144,1 | 0,128 | 480,3 |

**Муаллиф дар асоси манбаъҳои зерин ҳисоб кардааст:** Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2022. – С.24, 28.

Аз додаҳои ҷадвал чунин бармеояд, ки байни шаҳрҳо ва ноҳияҳои вилояти Суғд, зичии аҳолии ноҳияи Ҷ. Расулов аз ҳама зиёд аст. Ҷои дуюмро шаҳри Истаравшан ва ҷои сеюмро ноҳияи Спитамен ишғол мекунанд. Ин чунин маъно дорад, ки аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо нисбат бо масоҳати ишғолнамудаи худ хурд мебошанд.

Бо вуҷуди он ки дар иқтисодиёти вилояти Суғд соҳаҳои саноат ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт нисбатан рушдкарда ба ҳисоб меравaнд, соҳаи кишоварзӣ бо ҳайси яке аз бахшҳои низомофари иқтисодиёти минтақа боқӣ мемонад. Соли 2021 дар қаламрави вилояти Суғд дар соҳаи кишоварзӣ зиёда аз 241,6 ҳазор нафар аҳолии қобили меҳнат машғули кор буданд, ки 55,2% теъдоди умумии аҳолии машғули меҳнати

вилоятро ташкил мекунад. Ин рақам далолат мекунад, ки ҳиссаи коргарони соҳаи кишоварзӣ дар истеҳсоли МММ вилояти Суғд воқеан бузург мебошад. Сабаб вазни қиёсии истиқоматкунандагон дар деҳот бештар аз 75% аст.[5]

Воқеан, барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулот дар бахши аграрии иқтисодиёт тақсими оптималии захираҳои замин ва истифодаи оқилонаи онҳо аҳамияти калон дорад. Дар байни категорияҳои замин дар ин самт мавқеи асосиро замини корам ишғол менамояд, зеро чунин категорияи заминро асосан замини обёришаванда ташкил мекунад, ки барои истеҳсоли намудҳои гуногуни зироатҳои кишоварзӣ истифода бурда мешавад.

Дар рафти амалигардонии ислоҳоти бозорӣ, дар бахши аграрӣ тағйироти куллӣ ба амал омадаанд. Аз ҷумла, дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷои собиқ совхозу колхозҳо, имрӯз ҳазорҳо хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ, ҳамчунин дигар шаклҳои мухталиф, ба монанди ҷамъиятҳои саҳомии шакли кушода, пӯшида, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд, ва дигар шаклҳои хоҷагидории ба иқтисоди бозорӣ хос таъсис ёфтаанд. Ҳамзамон шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар вилояти Суғд ба 65543 адад расидааст.[6]

Дар баъзе мавридҳо аз ҷониби ҳоҷагиҳои деҳқонӣ ба сабаби таъқибот ва ҳирси зуд барои зиёд гирифтани фоида ба истифодаи ғайрисамараноки замин оварда расониданд. Ба ғайр аз ин, истифодабарндагони сершумораи захираҳои замин ба сабаби норасоии воситаҳои гардон, ҳаҷми ками захираҳои молиявӣ, ноустувории нарх ба маҳсулотҳои кишоварзӣ тахти таъсири равандҳои таваррумӣ, ба фаъолияти истифодабарандагони замин таъсири манфӣ расониданд. Дар натиҷа, масъалаи нигоҳдорӣ ва барқароркунии ҳосилхезии хок дар хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ такмилу такомулро талаб менамояд.

Дар бахши аграрии иқтисодиёт раванди истеҳсолот бевосита аз истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ вобаста мебошад. Илова бар ин оптимизатсия ва илман асосноксозии сохтори майдонҳои кишт тибқи талаботи агротехникӣ ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва нигоҳ доштани ҳосилхезии хок мусоидат мекунад. Дар шароити муосири Тоҷикистон, ки дар бахши аграрии иқтисодиёт барало норасоии захираҳои моддию молиявӣ эҳсос мегардад, истифодаи моделҳои иқтисодӣ-математикӣ, ки ба арзёбии ҳолати низоми зироаткорӣ бо назардошти талаботи минтақа ба маҳсулоти истеҳсолоти кишоварзӣ нигаронида шудаанд, ба мақсад мувофиқ мебошад. Таъғирёбандаи интизорӣ ва омилӣ дар поён оварда шудааст (ҷадвали 3).

[5] Омори солонаи вилояти Суғд. –Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2022.–С. 280, 281.
[6] Омори солонаи вилояти Суғд. –Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2022.–С. 276.

Бо истифода аз имконоти барномаҳои технологияҳои компютерӣ баъди ҳисобкуниҳои зарурии техникӣ, мо қимати таъсири аломатҳои омилиро аломатӣ ба нишондиҳандаи натиҷавӣ ҳисоб кардем.

**Ҷадвали 3. - Нишондиҳандаҳои миқдории омилҳо дар иқтисодиёти вилояти Суғд**

| Солҳо | Суръати рушди маҷмӯи маҳсулоти кишоварӣ (бо %), (y) | Иштиғол дар соҳаи кишоварзӣ (ҳазор нафар), ($x_1$) | Андохтани пору ба 1 га киштзор, (кг), ($x_2$) | Андохтани нурии минералӣ ба 1 га киштзор, (кг), ($x_3$) |
|---|---|---|---|---|
| 1991 | 102,3 | 341,2 | 3,3 | 227 |
| 1995 | 73,0 | 364,3 | 12,7 | 149 |
| 2000 | 105,2 | 323,4 | 4,4 | 123 |
| 2005 | 109,0 | 234,9 | 4,0 | 160 |
| 2010 | 107,2 | 228,6 | 3,0 | 159 |
| 2011 | 104,4 | 219,7 | 4,0 | 144 |
| 2012 | 108,3 | 217,1 | 3,0 | 126 |
| 2013 | 105,2 | 215,5 | 2,0 | 117 |
| 2014 | 109,2 | 220,3 | 2,0 | 124 |
| 2015 | 103,4 | 216,2 | 3,0 | 114 |
| 2016 | 107,9 | 215,7 | 3,0 | 108 |
| 2017 | 104,8 | 217 | 1,0 | 124 |
| 2018 | 104,7 | 219,6 | 2,0 | 107 |
| 2019 | 106,3 | 229,5 | 7,0 | 157 |
| 2020 | 109,9 | 239,5 | 6,0 | 146 |
| 2021 | 104,3 | 241,6 | 3,0 | 159 |

**Муаллиф дар асоси манбаъҳои зерин ҳисоб кардааст:** Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2018. – С. 73, 195, 196; Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2020. – С. 73, 186, 187; Омори солонаи вилояти Суғд.– Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021.–С. 144, 149, 420; Омори солонаи вилояти Суғд.–Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2022.–С. 98, 278, 288, 289.

Дар асоси ҳисобҳо қиматҳои миқдории коэффитсиенти чандирии тағйирёбандаҳои омилӣ дар муодилаи регрессионии зерин гирд оварда шудааст:

$$Y = 115{,}27 + 0{,}044\ X1 + 4{,}374\ X2 + 0{,}041\ X3 \qquad (3)$$

Дар ин маврид коэффитсиенти коррелятсия ба 0,8495 баробар буд, ки байни тағйирёбандаҳо алоқаи зичи мусбат ҷой дорад. Тағйирёбии ҳаҷми бароришимаҳсулоти кишоварзӣ бо ҳисоби миёна аз омилҳои дар ин ҷо баррасишаванда бо тартиби 72,1 % вобаста мебошад, зеро коэффитсиенти детерминатсия дар мавриди мо ба 0,7217 баробар аст.

Интенсификатсия, тибқи муқаррароти назариявӣ барои афзоиши истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ аз ҳисоби истифодаи технологияи нав, тухми баландсифат ва чораҳои агротехникӣ имконият медиҳад. Сатҳи механиконии бахши аграрии иқтисодиёт гарави интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Баъзе нишондиҳандаҳои таъминнокии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бо

техникаи (тarkторҳои) кишоварзӣ бо ҳисобкунӣ ба 100 га майдони кишт дар ҷадвали 4 оварда мешаванд.

**Ҷадвали 4. - Шумораи тракторҳо аз руи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд**

| Минтақаҳо | | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ дар вилоят** | I | 4806 | 3804 | 3614 | 3524 | 3354 | 2508 | 2421 |
| | II | 263861 | 268442 | 270428 | 270936 | 272566 | 278640 | 279758 |
| аз ҷумла: | III | 1,82 | 1,42 | 1,34 | 1,30 | 1,23 | 0,90 | 0,86 |
| **Айнӣ** | I | 55 | 42 | 40 | 40 | 40 | 18 | 17 |
| | II | 3789 | 2852 | 2857 | 2873 | 2898 | 2932 | 2894 |
| | III | 1,45 | 1,47 | 1,40 | 1,39 | 1,38 | 0,61 | 0,59 |
| **Ашт** | I | 375 | 326 | 304 | 291 | 261 | 202 | 188 |
| | II | 11709 | 13850 | 13083 | 13325 | 13440 | 14102 | 14152 |
| | III | 3,20 | 2,35 | 2,32 | 2,18 | 1,94 | 1,43 | 1,33 |
| **Б. Ғафуров** | I | 1011 | 857 | 820 | 791 | 758 | 624 | 602 |
| | II | 26758 | 28141 | 28628 | 28657 | 26758 | 29150 | 29992 |
| | III | 3,78 | 3,05 | 2,86 | 2,76 | 2,83 | 2,14 | 2,01 |
| **Деваштич** | I | 75 | 58 | 54 | 55 | 54 | 37 | 48 |
| | II | 41294 | 40840 | 40954 | 41109 | 41294 | 42247 | 41498 |
| | III | 0,18 | 0,14 | 0,13 | 0,13 | 0,13 | 0,08 | 0,11 |
| **Ҷ. Расулов** | I | 347 | 237 | 229 | 225 | 221 | 176 | 173 |
| | II | 17509 | 17736 | 17622 | 17690 | 17509 | 17994 | 18044 |
| | III | 1,98 | 1,34 | 1,30 | 1,27 | 1,26 | 0,98 | 0,96 |
| **Зафаробод** | I | 494 | 445 | 430 | 430 | 369 | 366 | 366 |
| | II | 29264 | 29330 | 29586 | 30041 | 30168 | 30896 | 30415 |
| | III | 1,69 | 1,52 | 1,45 | 1,43 | 1,22 | 1,18 | 1,20 |
| **Истаравшан** | I | 186 | 137 | 127 | 127 | 127 | 59 | 55 |
| | II | 28349 | 28329 | 29036 | 28088 | 29036 | 29879 | 29939 |
| | III | 0,66 | 0,48 | 0,44 | 0,45 | 0,44 | 0,20 | 0,18 |
| **Исфара** | I | 271 | 176 | 163 | 136 | 136 | 117 | 110 |
| | II | 6633 | 7052 | 7254 | 7444 | 7517 | 7601 | 7802 |
| | III | 4,09 | 2,50 | 2,25 | 1,83 | 1,81 | 1,54 | 1,41 |
| **Конибодом** | I | 319 | 284 | 260 | 248 | 238 | 237 | 217 |
| | II | 13195 | 12784 | 13283 | 13431 | 12889 | 13020 | 13428 |
| | III | 2,42 | 2,22 | 1,96 | 1,85 | 1,85 | 1,82 | 1,62 |
| **Мастчоҳи кӯҳӣ** | I | 3 | 3 | 3 | 3 | 5 | 2 | 5 |
| | II | 3005 | 3053 | 3081 | 3148 | 3376 | 3464 | 3475 |
| | III | 0,10 | 0,10 | 0,10 | 0,10 | 0,15 | 0,06 | 0,14 |
| **Мастчоҳ** | I | 1004 | 674 | 674 | 674 | 666 | 248 | 248 |
| | II | 24505 | 24916 | 25022 | 25154 | 25734 | 26050 | 26120 |
| | III | 4,10 | 2,71 | 2,69 | 2,68 | 2,59 | 0,95 | 0,95 |
| **Спитамен** | I | 300 | 291 | 276 | 276 | 252 | 202 | 183 |
| | II | 15634 | 16031 | 16097 | 16015 | 16262 | 16473 | 16611 |
| | III | 1,92 | 1,82 | 1,71 | 1,72 | 1,55 | 1,23 | 1,10 |
| **Панҷакент** | I | 260 | 210 | 196 | 191 | 191 | 191 | 181 |
| | II | 25736 | 26835 | 27162 | 27163 | 27453 | 28153 | 28645 |
| | III | 1,01 | 0,78 | 0,72 | 0,70 | 0,70 | 0,68 | 0,63 |
| **Шаҳристон** | I | 106 | 64 | 38 | 37 | 36 | 29 | 28 |
| | II | 16342 | 16546 | 16608 | 16633 | 16656 | 16584 | 16648 |
| | III | 0,65 | 0,39 | 0,23 | 0,22 | 0,22 | 0,17 | 0,17 |

**Эъзоҳ:** I- шумораи тракторҳо бо адад; II – майдони заминҳои киштӣ бо га.; III – шумораи тракторҳо ба 100 га.

**Муаллиф дар асоси манбаъҳои зерин ҳисоб кардааст:** Омори солонаи вилояти Суғд.–Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2022.–С. 319; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022, - С.147, 148; Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2020. – С. 201.

Аз додаҳои ҷадвал бармеояд, ки солҳои охир тамоюли камшавии шумораи трактор мушоҳида мегардад. Масалан, соли 2021 камшавӣ нисбат ба соли 2014 ба ҳисоби миёна 2385 ададро ташкил кардааст, ки 50,4 % мебошад. Ҳолати мазкур ба нишондиҳандаҳои сифатӣ, яъни таъминнокии 100 га заминҳои кишт бо техника низ таъсири манфиӣ расонидааст. Ин аз пастшавии сатҳи интенсификатсияи бахши аграрии иқтисодиёти вилоят гувоҳӣ медиҳад.

Байни шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар ин бобат нишондиҳандаи нисбатан беҳтар, дар ноҳияи Б.Ғафуров ба назар мерасад. Дар ин ноҳия ҳоло ба 100 га майдони кишт зиёда аз 3 трактор хизмат мерасонад. Ҷойи дуюмро н. Конибодом, саввумро н. Исфара ишғол намудааст. Дар байни шаҳру ноҳияҳо ба қатори ноҳияҳои таъминнокиашон паст бо техникаи кишоварзӣ н. Деваштич, н. Кӯҳистони Мастчоҳ, н. Шаҳристон ворид мебошанд.

Дар маҷмуъ, метавон қайд намуд, ки нишондиҳандаи аксар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз як камтар аст ва ин омил боиси нигаронӣ мебошад. Сатҳи пасти таъминнокӣ ба трактор ҳамчун дар шаҳрҳои Истаравшан, Панҷекент ва ғайра ба назар мерасад. Бинобар ин, андешидани чораҳои зарурӣ барои беҳтар намудани ин ҳолат талаб карда мешавад.

**Дар боби сеюм - "Самтҳои афзалиятноки такмили истифодабарии заминҳои кишоварзӣ дар минтақа"** - такомули механизмҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва институтсионалии идоракунии захираҳои замини хоҷагиҳои кишоварзӣ баррасӣ шудаанд.

Дар доираи таъмини амнияти озуқаворӣ афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварӣ дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ аҳаммияти калон дорад. Бинобар ин, баррасии масоили истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар қаринаи таъмини талаботи аҳолии минтақаҳо бо истеҳсолоти худӣ ба мақсад мувофиқ арзёбӣ мешавад. Дар ин ҷо, баъзе фактҳои муқоисаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро бо талаботи мавҷуда тибқи меъёрҳои истеъмол аз рӯи додаҳои омории соли 2021, ки дар ҷадвали 5 оварда шудаанд, баррасӣ мекунем.

**Ҷадвали 5. - Ҳаҷми истеҳсол ва таъминнокии аҳолии вилояти Суғд бо истеҳсоли махсулоти кишоварзии худӣ тибқи меъёрҳои истеъмолӣ дар соли 2021**

| Номгӯи маҳсулот | Тибқи меъёри истеъмолотӣ | | Ҳаҷми истеҳсолот дар вилояти Суғд | | Аҳоли и в. Суғд, (ҳаз. нафар ) | Дараҷаи қонеъ гардонии талаботи аҳолӣ (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ба ҳар сари аҳолӣ (кг) | Ҳамагӣ (ҳазор тонна) | Ҳамагӣ (ҳазор тонна) | Ба ҳар сари аҳолӣ (кг) | | |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 70,1 | 193,0 | 75,8 | 24,2 | 2823,9 | 34,5 |
| Моҳӣ | 24 | 66,1 | 22,1 | 8,0 | 2823,9 | 33,4 |

*Давоми ҷадвали 5.*

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 359,9 | 990,8 | 276,7 | 99,2 | 2823,9 | 27,6 |
| Тухм (млн. дона) | 243 | 669,0 | 637,9 | 216,0 | 2823,9 | 88,9 |
| Зироатҳои ғалладонагӣ ва лубиёгӣ | 167 | 461,7 | 328,7 | 127,6 | 2823,9 | 76,1 |
| Картошка | 175 | 481,8 | 530,0 | 186,0 | 2823,9 | 106,3 |
| Сабзавот | 140,3 | 386,3 | 571,9 | 203,6 | 2823,9 | 145,1 |
| Мева ва буттамева | 80,3 | 221,1 | 93,3 | 50,6 | 2823,9 | 63,1 |
| Биринҷ | 30,3 | 83,4 | 37,5 | 13,6 | 2823,9 | 45,0 |

**Муаллиф дар асоси манбаъҳои зерин ҳисоб кардааст:** Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2022.–С. 24, 290, 292, 298, 379, 388.

Қайд намудан лозим аст, ки дар таҳияи ҷадвали мазкур методи арзёби ҳангоми якхела будани шартҳои дигар истифода шудааст, яъне меъёрҳои истеъмолот аз рӯи гурӯҳҳои синусолӣ ба инобат гирифта намешаванд, ба ибораи дигар усули миёна ва бо ҳисоби меъёри муқарраршуда ҳамчун асос барои ҳисоби талаботи умумӣ қабул карда шудааст.

